«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода К.Х.
_____
«18» 10 соли 2022

ХУЛОСАИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи «Мутобиқати савтии калимаҳои русиву аврупоӣ ва усулҳои ба меъёр даровардани онҳо дар забони адабии муосири тоҷикӣ» дар кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Холова Моҳира Буриевна соли 2016-ум факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси «филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик» хатм кардааст. Ӯ соли 2017 ба ҳайси аспиранти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар бахши рӯзона дохил шуда, онро соли 2020 хатм намудааст. Айни замон ба ҳайси ассистенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ фаъолият дорад.

Роҳбари илмӣ: Маҷидов Ҳомид – доктори илми филология, профессори кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ, мушовири илмӣ: Назарзода Сайфиддин – узви вобастаи АМИТ, доктори илми филология, мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони факултети филологияи ДМТ санаи 27.01.2017, қарори №6 тасдиқ шудааст.

Дар рафти муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин қабул гардид:

Диссертатсияи Холова М.Б. ба иктибосоти русиву аврупоӣ бахшида шудааст. Калимаҳои иктибосии русиву аврупоӣ яке аз манбаъҳои ташаккули забони тоҷикӣ ҳанӯз аз давраҳои аввали гузариш (нимаи садаи XIX) ба ҳисоб

рафта, теъдоди онҳо вобаста ба навигариҳои иҷтимоӣ, илмиву фаннӣ ва иқтисодӣ рӯз то рӯз инкишоф ёфта истодаанд. Ҳарчанд аз замони қабули ин бахши иқтибосот зиёда аз як аср сипарӣ гашта, доир ба ин мавзуъ аз ҷониби муҳаққиқон пажуҳиш анҷом дода шуда бошад ҳам, то ҳанӯз бисёр махсусияти ин гурӯҳи калимаҳо ва роҳҳои ба танзим даровардани онҳо аз лиҳози меъёрҳои савтии забони тоҷикӣ муқаррар нагардидааст. Аз ин боис дар диссертатсияи мавриди назар дар асоси омӯзиши нишонаҳои савтии забони тоҷикӣ ва калимаҳои мансуб ба забони русиву тавассути он воридгардида, қудрати мутобиқнамоии дастгоҳи савтии забони тоҷикӣ дар калимаҳои иқтибосӣ, ҳамчунин, ҷамъоварӣ ва омӯзиши тарзҳои мутобиқшавии ин бахши калимаҳо ба тариқи пешниҳод намунаи имлои калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ мувофиқ ба меъёрҳои савтии забони тоҷикӣ оварда шудааст, ки дар шароити имрӯзаи бемайлони иқтибосот аз бисёр ҷиҳат дорои арзиш мебошад.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ. Натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада пажуҳиши дигар муҳаққиқони ин самтро тақвият бахшида, онҳоро метавон дар омӯзиши махсусиятҳои савтӣ ва маъноии калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ ва калимаҳои иқтибосии мансуб ба дигар забонҳо ё таҳқиқоти ҳамгун истифода намуд.

Ҳамчунин, хулосаҳо ва маводи диссертатсия дар таҳияи имлои калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ аз лиҳози садоноку ҳамсадо, ётбарсарҳо, ҳиҷо, қолаб ва зада заминаи асосӣ шуда метавонанд.

Навгонии илмии диссертатсия. Дар диссертатсия заминаҳои воридшавӣ, омилҳои мутобиқнашавии калимаҳои русиву аврупоӣ вобаста ба ҳар як давраи мавҷудияти Ҳокимияти Шуравӣ омӯхта шудааст. Дар заминаи маводи публитсистии ибтидои асри ХХ ҳисоботи оморӣ анҷом дода шудааст, ки дар асоси он тарзи истифода ва теъдоди калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ дар даврaҳои аввали воридшавӣ муқаррар гардидааст. Дигар, навигарии мавзуи таҳқиқ дар он аст, ки гунанокӣ, роҳу усулҳои мутобиқшавии савтӣ аз лиҳози садоноку ҳамсадо, ҳиҷо, ҳазви овозҳо, мавқеи

ҷойгиршавии онҳо дар таркиби ҳиҷоҳо ва қолабҳои таркибии калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ дар забони тоҷикӣ муайян гардидааст. Пешниҳоди намунаи қолабҳои калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ мувофиқ ба меъёрҳои савтии забони тоҷикӣ аз дастовардҳои дигари диссертатсия маҳсуб меёбад.

Мақсади таҳқиқ. Мақсади асосии таҳқиқ муайян намудани роҳу усулҳои мутобиқшавии савтии калимаҳои иқтибосии русиву аврупоии дар садаи ХХ-ум ва замони имрӯз воридшуда дониста шудааст.

Вазифаҳои таҳқиқ. Таҳқиқоти мазкур барои ба танзим даровардани калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ замина шуда метавонад, ки барои расидан ба ҳадафи мазкур диссертант ҳалли масъалаҳои зеринро муҳим шумориданааст:

– ҷамъоварӣ ва омӯзиши калимаҳои мутобиқшудаи русиву аврупоӣ аз ҳамаи сарчашмаҳо (таркиби луғавӣ, асарҳои назмӣ, насрӣ, илмӣ, публитсистӣ ва номаҳои адибон);

– муайян намудани мутобиқшавии садонокҳои забони русӣ ба садонокҳои забони тоҷикӣ;

– муайян намудани мутобиқшавии ҳамсадоҳои забони русӣ ба ҳамсадоҳои забони тоҷикӣ;

– мутобиқ гардонидани махсусияти ҳиҷоии калимаҳои аз забони русӣ иқтибосшуда;

– мутобиқ гардонидани қолабҳои калимаҳои русиву аврупоӣ ба қолабҳои калимаҳои аслии забони тоҷикӣ;

– дар заминаи таҷрибаи гузашта ва мувофиқ ба талаботи имрӯза тартиб додани намунаи дастур дар қабул ва истифодаи вожаҳои нави русиву аврупоӣ мувофиқ ба савтиёт (қолаб, ҳиҷо ва зада)-и забони тоҷикӣ.

Сарчашмаи таҳқиқ. Дар диссертатсия ба сифати сарчашмаҳои таҳқиқ осори назмӣ, насрӣ, публитсистӣ, фарҳангу луғатномаҳо ва баъзе номаҳои адибони мансуб ба садаи ХХ дониста шудаст. Ҳамчунин, барои муқоиса ва омӯзиши тарзҳои истифодаи калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ дар

замони Истиқлол баъзе асарҳои назмӣ, насрӣ, фарҳангу луғатномаҳо ва маводи публитсистӣ низ истифода гардидааст.

Муаллиф масъалаҳои зеринро ба ҳимоя пешниҳод кардааст:

– иброз мегардад, ки дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар баробари калимаҳои аслӣ калимаҳои иқтибосӣ, ба монанди юнонӣ, арабӣ, ҳиндӣ, суғдӣ, туркиву муғулӣ ва русиву аврупоӣ мавҷуданд, ки онҳо дар даврaҳои гуногун бо сабабҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангӣ гузариш ёфта, калимаҳои фаъоли забонамонро ташкил медиҳанд. Дар ин муддат меъёрҳои савтӣ, сарфӣ ва маъноии забони тоҷикӣ дар заминаи мавҷудият ва ташаккули онҳо дар даврaҳои гуногун ва иқтибосоти бемайлон коркард шуда, хусусияти мутобиқсозии онҳоро аз лиҳози савтӣ, сарфӣ ва маъноӣ касб кардааст. Амали онро дар бахши зиёди калимаҳои дар гузашта иқтибосшуда ва мансуб ба забони русиву аврупоӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки имрӯз онҳо бегонагӣ зоҳир накарда, далели имконияти воқеии меъёрҳои забони тоҷикӣ дар мутобиқсозии калимаҳои иқтибосӣ, аз ҷумла русиву аврупоӣ ба ҳисоб мераванд;

– нишон дода мешавад, ки ҳарчанд имрӯз забони тоҷикӣ ва забони русӣ алифбои ба ҳам наздик доранд, вале нишонаҳои савтии онҳо комилан фарқ мекунанд, зеро дар ҳар як забон миқдори муайяни овозҳо, ҳиҷоҳои аксар дар дигар забонҳо диданашаванда мавҷуданд. Забони тоҷикӣ низ махусусиятҳои хоси худро дорад, ба мисоли пасиҳам наомадани садонокҳо дар ягон мавқеи ҳиҷо (ғайр аз калимаҳои сохта), ҳамин гуна пасиҳам наомадани ҳамсодоҳо дар ибтидои калима, дар охири ҳиҷо мавҷуд набудани ташдид ва мисоли инҳо. Ин нишонаҳои хоси забони тоҷикӣ танҳо дар калимаҳои аслӣ мавҷуд набуда, дар мутобиқсозии калимаҳои иқтибосӣ низ амал мекунанд;

– таъкид мегардад, ки пасиҳам омадани садонокҳо ё ҳамсадоҳо дар ҳамаи мавқеи калима ё мавҷудияти ташдид дар аввал байн ва охири калимаҳои русиву аврупоӣ аз ҳодисаҳои муқаррарист. Аммо ин

хусусиятҳо дар таркиби калимаҳои русиву аврупоии ба забони тоҷикӣ қабулгардида, то давраи мутобиқшавӣ нигоҳ дошта шуда, бо мурури вақт онҳо дар асоси талаффузи тоҷикӣ ва нишонаҳои савтии забони тоҷикӣ дигаргун мешаванд;

– зикр мегардад, ки садонокҳои забони тоҷикӣ ва русӣ танҳо аз рӯйи шакл монандӣ доранд. Дар талаффуз онҳо аз якдигар тафовут мекунад. Шояд аз ин ҷиҳат садоноки **а**-русӣ дар гунаи тоҷикӣ тамоюли гузариш ба **о** гоҳо ба **у** дорад. Баръакс, **о**-и русӣ, махсусан дар ҳиҷои байн ва охир ба **а** табдил меёбад. Ҳамчунин, **ы**- русӣ дар ҳама маврид бо **и** талаффуз ва мутобиқ мегардад;

– ҳамин гуна ҳамсадоҳои забони русӣ низ ба ҳамсадоҳои забони тоҷикӣ танҳо аз рӯйи шакл монандӣ доранд. Аз рӯйи талаффуз низ онҳо фарқ мекунанд. Ғайр аз ҳамсадоҳои хоси забони русӣ дигар ҳамсадоҳо низ дар гунаи тоҷикии ин бахши иқтибосот иваз мешаванд. Чунончи **в** ба **ф**, **г** ба **ғ**, **д** ба **т**, **дж** ба **ҷ**, **к** ба **қ** ва мисоли инҳо, ки далели мутобиқшавии ин бахши иқтибосот аз лиҳози ҳамсадоҳо низ гувоҳӣ медиҳанд;

– нишон дода мешавад, ки мутобиқшавии калимаҳои русиву аврупоӣ аз лиҳози ётбарсарҳо низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла **е** ба **и** гоҳо ба **а**, ё ба **у**, **ю** ба **у** ва ғайра. Шояд ин аз он ҷиҳат бошад, ки дар таркиби калимаҳои русиву аврупоӣ ётбарсарҳо ё пеш аз ҳамсадо ва ё дар байни онҳо, гоҳо баъди ҳамсадоҳо омада калимаро мушкилталаффуз мегардонанд. Дастгоҳи савтии забони тоҷикӣ, ки дар асоси ду функсия: сарфаҷӯӣ ва осонҷӯӣ амал мекунад, ба ин гуна бошиддат талаффуз шудани калима табиатан иҷозат намедиҳад;

– иброз мегардад, ки дар як бахши калимаҳои русиву аврупоӣ таркибҳои овозии –**ия** мавҷуданд. Ҳангоми ба забони тоҷикӣ гузариш ёфтани калимаҳое, ки таркибашон чунин овозҳо иборатанд, ҳазв мешаванд. Гоҳи дигар садоноки **а** низ аз охири калимаҳо меафтанд ва ин афтиш ба маънои калима халал намерасонад;

– муайян мегардад, ки дар асоси тафовути меъёрҳои савтии забони тоҷикӣ ва русӣ қолабҳои ҳиҷоии онҳо низ, ҳам умумият ва ҳам фарқ доранд. Чунончи агар дар калимаҳои забони тоҷикӣ қолабҳои **С**, **СҲ**, **ҲС**, **ҲСҲ**, **СҲҲ**, **ҲСҲҲ**, мавҷуд бошанд, ин қолабҳо дар калимаҳои русиву аврупоӣ низ ба назар мерасанд. Аммо дар баробари ин қолабҳо дар калимаҳои русиву аврупоӣ қолабҳои навъи **СС**, **ҲҲС**, **ҲҲҲС**, **ҲСҲҲҲ**, **ҲҲСҲҲ**, **ҲҲҲСҲҲҲ** ва монанди инҳо низ дида мешаванд, ки ба забони тоҷикӣ хос нестанд. Аз ин сабаб дар гунаҳои мутобиқшудаи иқтибосоти русиву аврупоӣ табдилёбии қолабҳои ҳиҷоии онҳо ба қолабҳои забони тоҷикӣ низ мушоҳида мегардад;
– таъкид мегардад, ки дар баробари ҳарфу овозу ҳиҷо яке аз нишонаҳои савтии калимаҳо, ки дар таркиби вожаҳои иқтибосӣ низ дида мешаванд, ин мавҷудияти зада мебошад. Зада низ мисли дигар нишонаҳои савтӣ дар ҳар як забон махсусиятҳои худро дорад. Чунончи зада дар калимаҳои тоҷикӣ, асосан дар ҳиҷои охир ва дар феълҳои тасрифӣ ва ҳиссаҳои ёвар дар ибтидои калима меояд. Аммо дар забони русӣ ҷойи зада гуногун аст. Он гоҳо дар аввал баъзан дар байн ва дар охири калима низ омада метавонад. Мутобиқшавии савтии калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ дар забони тоҷикӣ ба ҷойи задаи калима низ бетаъсир нест. Имрӯз бахши зиёди гунаҳои мутобиқшудаи русиву аврупоӣ бо задаи тоҷикӣ таллафуз мегардад, ки далели мутобиқшавии ин бахши калимаҳо аз рӯйи задаи луғавӣ низ мебошанд.

Мухтавои асосии диссертатсияи Холова М.Б. дар 6 мақолаи чопнамудаи муаллиф, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷмуаҳо инъикос ёфтааст:

[1-М]. Холова, М.Б. Баъзе тағйиротҳои овозӣ дар калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ дар забони адабии тоҷикии ибтидои асри ХХ / М.Б. Холова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 4. – С. 57-61.

[2-М]. Холова, М.Б. Мутобиқати садонокҳои русӣ ба тоҷикӣ дар калимаҳои иқтибосии аз забони русӣ воридшуда (аз рӯйи маводи сарчашмаҳои солҳои 20 ва 30-юми садаи ХХ) / М.Б. Холова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 2. – С. 146- 152.

[3-М]. Холова, М.Б. Мутобиқати калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ дар забони тоҷикӣ ва мақоми он дар забони публитсистика (аз рӯйи маводи сарчашмаҳои солҳои 20-30-юми садаи ХХ) / М.Б. Холова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – № 4 (87). – С. 75-80.

[4-М]. Холова, М.Б. Мутобиқати ҳамсадоҳои русӣ ба тоҷикӣ дар калимаҳои иқтибосии аз забони русӣ воридшуда (аз рӯйи маводи сарчашмаҳои солҳои 20 ва 30-юми садаи ХХ) / М.Б. Холова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 8. – С. 78-81.

[5-М]. Холова, М.Б. Мутобиқати калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ ба меъёрҳои савтии забони тоҷикӣ (аз рӯйи мукотибаҳои устод Айнӣ ва Лоҳутӣ) / М. Б. Холова // Забон – ҳастии миллат (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии «Масъалаҳои лингвистии ҳуҷҷатнигории муосир»). – Душанбе: ДМТ, 2021. – С. 184-191.

[6-М]. Холова, М.Б. Усулҳои мутобиқшавии калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ дар замони Истиқлол / М.Б. Холова // Забон – ҳастии миллат (маҷмуи мақолаҳои конференсии байналмилалии «Рушди забони адабии тоҷик дар замони Истиқлол: мушкилот ва дурнамо»). – Душанбе: ДМТ, 2022. – Қисми 2. – С. 154 -158.

Дар диссертатсия барои баррасӣ ва таҳқиқи мавзуъҳо аз усулҳои таҳқиқи тасвирӣ (синхронӣ), оморӣ ва муқоисавӣ-таърихӣ истифода гардидааст.

Кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ диссертатсияи Холова Моҳира Буриевнаро, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шудааст, кори илмии баанҷомрасидаи муҳиму мубрам меҳисобад. Диссертатсия ба талаботи корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя тавсия мегардад.

Хулоса дар кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст.

Иштирок дошт: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 15 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратҷаласаи №2, аз 12 октябри соли 2022.

Мудири кафедраи забони адабии
муосири тоҷикӣ, н.и.ф., дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.

Котиби илмӣ, ассистент Ҳасанов М.М.

Имзои дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ-ро тасдиқ менамоям.
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш
«18» 10 соли 2022